«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________ Абдаулимзода Ҳ. А.

«___» __________ соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба кори диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Таѓо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод карда шудааст**

## I. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот ва мутобиқати он ба афзалиятҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ

Марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо афзалият пайдо кардани рушди саноат ва тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ тавсиф карда мешавад. Вобаста ба ин татбиқи саноатикунонии босуръати кишвар ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти саноатӣ аз ҷумлаи самтҳои мубрам ва калидии сиёсати давлатии иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, омили бунёдии таъмини рушди устувор эътироф гардидааст. Таъмини рушди саноати миллӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ имконият медиҳад, ки на танҳо бозори дохилӣ бо маҳсулоти босифат таъмин карда шавад, балки иқтидори содиротии кишвар низ баланд бардошта шавад. Аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ, ки механизми нави дастгирии давлатӣ эҳтиёҷ дорад, дорои аҳамияти муҳимму стратегӣ мебошад.

Дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ коркард ва истифодаи шаклу механизмҳои нави дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок мебошад. Мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои гузошташуда аз он шаҳодат медиҳад, ки кори анҷомшуда ба самтҳои стратегӣ ва афзалиятдори рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқат намуда, барои тавсеаи таҷрибаи таъсис ва рушди устувори соҳибкории саноатии рақобатпазир мусоидат мекунад.

Бо назардошти нуктаҳои боло ва зарурати рушди саноати рақобат-пазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи кори диссертатсионии тақриз-шаванда мубрам буда, натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти муҳимми илмию методологӣ ва амалӣ мебошанд.

## II. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси ё соҳаи илми эълоншуда

Муҳтавои кори диссертатсионӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, муқаррароти назариявию методологӣ ва натиҷаҳои илмию амалии таҳқиқоти анҷомдодаи Қаюмӣ Ш.Т. ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01–Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мутобиқ аст: 1.Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷуди онҳо дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 11.Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 12.Ҷойгиркунӣ ва асосҳои ташкил доир ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетика; 13.Бизнес-чараёнҳо дар корхонаҳои саноатӣ ва энергетика. Назария ва методологияи коркард, банақшагирӣ ва ояндабинии бизнес–чараёнҳо дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 17.Механизмҳои тағйирёбии шаклҳои моликияти (хусусигардонӣ, милликунонӣ, ҳамгироӣ, ғайриинҳисорсозӣ ва ғайра) иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ ва арзёбии арзиши бозории онҳо. 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 35.Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 36.Дастгирии инфрасохтории рушди инноватсионии саноат ва энергетика. 37. Минтақаҳои саноатӣ ва шаҳракҳои саноатӣ. Нуқтаҳои рушди саноатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори саноатӣ ва энергетикӣ.

## III. Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Таҳлили сохтор, мазмун ва натиҷаҳои илмию амалии дар натиҷаи таҳқиқот ба дастомада нишон медиҳанд, ки довталат дар кори диссертатсионӣ бо истифода аз заминаҳои мавҷуда назарияи рушди соҳибкории саноатии рақобтапазирро асоснок намуда, барои рушди

устувори саноати миллии рақобатпазир тавсияҳои асоснок пешниҳод намудааст.

Саҳми илмии довталаб ҳамчунин дар он зоҳир меёбад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои назариявию методологӣ, механизми иқтисодии дастгирии давлатии рушди соҳибкории рақобатпазир, гуруҳбандаии усулҳои арзёбии рушди соҳибкории саноатӣ, нақшаи рушди инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ дар саноат, самтҳои асосии баландбардории самаранокии соҳибкории саноатиро асоснок ва аз нигоҳи назария ва методология мукаммал намудааст.

Аҳамияти натиҷаҳои ба дастомада дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф самтҳои асосии баландбардории самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ, механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ, моделсозии самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир, такмили механизми рушди соҳибкории саноатӣ, имконияти истифодаи франчайзинг ва коркардҳои методиро оид ба дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ асоснок намудааст. Истифодаи амалии тавсияҳои мазкур имконият медиҳанд, ки рушди устувори соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шавад.

### IV. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст

Дар натиҷаи анҷом додани кори диссертатсионӣ довталаб як қатор муқарраротҳои назариявӣ ва амалиро ба даст овардааст, ки ба сифати унсурҳои навгонии илмӣ ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда манзур карда шудаанд. Ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки дорои хусусияти навгонӣ буда, аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ доранд инҳоро метавон шомил намуд:

- равишҳои назариявӣ-методологии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир асоснок карда шудааст, ки муовифқи он соҳибкории саноатии рақобатпазир ҳамчун фаъолияти инноватсионӣ ва дорои чандирияти баланд эътироф шудааст;

- механизми иқтисодӣ ва ташкилии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир коркард шудааст, ки фарогири кафолати таъмини фазои озоди рақобатӣ, сармоягузорӣ, фановариҳои нав, ҳамгироӣ, кластерикунонӣ, мудирияти корпоративӣ ва истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад;

- усулҳои баҳогузории рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир такмил дода шудаанд, ки сатҳи таъминоти захиравӣ, зерсохторӣ ва иттилоотӣ–машваратӣ ҳамчун маҳакҳои асосӣ баромад мекунанд;

- нақшаи рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазири кишвар дар асоси амсилаи тавозуни байнисоҳавӣ таҳия карда шудааст, ки принсипҳои асосии равиши кластерӣ ва мудирияти корпоративиро тақозо менамояд;

- самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкории саноатии рақобатпазир дар кишвар ва минтақаҳои он асоснок карда шудааст, ки фарогири тадбирҳои рушди инноватсионии соҳибкории саноатии рақобатпазир ва такмили механизми дастгирии давлатии шаклҳои соҳибкории саноатии рақобатпазир мебошад;

- механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон бо назардошти аъзогӣ дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) коркард ва пешниҳод карда шудааст;

- модели шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он таҳия карда шудааст, ки фаъолияти самаранокии инноватсионӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, баробарии субъектҳои соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва рақобати одилона ва дастгириҳои машваратию маркетингиро дар бар мегирад;

- самтҳои асосии такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда бо таваҷҷуҳ ба коркарди механизми амалии таъмини самаранокии фаъолияти воридотивазкунанда пешниҳод карда шудаанд;

- имкониятҳои рушди соҳибкории франчайзингӣ дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба пешниҳоди роҳу усулҳои татбиқи он дар бахшҳои гуногуни саноати кишвар асоснок карда шудааст;

- тавсияҳои методӣ ва амалӣ ҷиҳати дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир асоснок карда шудааст, ки фарогири тадбирҳои дастгирии воридоти технологияи пешрафта, иттиҳоди ширкатҳои нав, озмоишгоҳҳо, сохторҳои молиявӣ дар марказҳои таҳқиқи технологияи нав ва паркҳои технологӣ дар доираи амалисозии самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**V. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Таҳлил ва омӯзиши муфассали матни кори диссертатсионии Қаюмӣ Ш.Т. нишон медиҳад, ки маълумоти оморӣ ва ҳисобҳои дар он овардашуда асоснокӣ ва эътимоднокии изҳорот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар кор овардашударо исбот мекунанд. Муаллиф асарҳои назариявӣ ва методологиро оид ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии

рақобатпазир таҳлил намуда, дар заминаи он мавқеи шахсии худро оид ба самтҳои стратегии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир асоснок намудааст.

Кори диссертатсионӣ аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ мукаммал буда, методологияи тадқиқот зиддиятҳоро дар бар намегирад. Натиҷаҳои ба дастомада ба таҳлили абстрактию мантиқӣ ва муқоисавӣ, таҳлили оморӣ ва омилӣ, усули таҳлил ва синтези системавӣ, таҳлили сохторӣ ва методӣ ва ғайра асос ёфта, дар кори диссертатсионӣ маҷмуи муқарраротҳое мураттаб ва асоснок карда шудааст, ки ба навоварии илмӣ хос буда, аз саҳми шахсии муаллифи дар ҳалли проблемаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Дар рафти тадқиқот маълумоти оморӣ, ки ҳам аз сарчашмаҳои расмӣ ва ҳам дар натиҷаи таҳқиқотҳои шахсии муаллиф ҷамъоварӣ шудаанд, истифода шудааст, ки сатҳи баланди эътимоднокии тавсияҳои кокардшударо таъмин мекунад.

Муқаррароти асосии тадқиқоти диссертатсия дар солҳои 2018-2023 дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун муаррифӣ шуданд.

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ ба мавзӯи интихобшуда мувофиқат мекунад. Объект ва предмети тадқиқот дуруст муайян карда шудааст. Мундариҷаи масъалаҳои илмии таҳияшуда мантиқан мувофиқа карда шуда, онҳоро метавон барои ошкор намудани мавзӯи интихобшудаи рисола ва ҳалли ҳадафи ба миён гузошташуда кофӣ ҳисоб кард. Хулосаҳое, ки дар охир оварда шудаанд, ҷамъбасти тадқиқот ва асоси таҳияи тавсияҳои амалӣ буда, зиддиятҳои дохилӣ ва методологӣ надоранд.

**VI. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои ба дастомада метавонанд дар татбиқи ҳадафи рушди миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар ва баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ ва иқтисодиёти миллӣ дар маҷмуъ мусоидат кунад. Тадқиқот барои рушди илми иқтисодии ватанӣ ва барои баланд бардоштани рақобатнокии фаъолияти мушаххаси истеҳсолӣ аҳамияти калон дошта, муқарраропи назариявии кори диссертатсионӣ ба сатҳи умумӣ, усулҳои мушаххас ва тавсияҳои амалӣ оид ба муқарраропи методологии такмили механизми дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар асоси таҳияи стратегияи рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ такя мекунад.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои илмии дар диссертатсия ба даст овардашуда бо тасдиқи хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти амалии вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, ширкату корхонаҳои саноатӣ ва субъектҳои дигари соҳибкории истеҳсолӣ истифода карда шаванд.

## VII. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он

Кори диссертатсионии Қаюмӣ Ш.Т. аз муқаддима, панҷ боб, натиҷаҳо ва пешниҳодҳо, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки шомили 312 номгӯй мебошад. Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 345 саҳифаи матни асосӣ пешниҳод карда шуд, шомили 30 ҷадвал ва 22 расм мебошад.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ муҳиммияти мавзуи тадқиқот асоснок ва сатҳи омӯзиши мавзуъ баён шудааст, ҳадаф, объект ва предмети тадқиқот муайян гардидааст, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои ба дастомада пешниҳод шудааст.

Дар боби якум - **«Асосҳои назариявию методологии такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон»** - асосҳои илмии рушд, моҳият ва таҷрибаи дастгирии давлатии соҳибкории саноати рақобатпазир дар ҷумҳурӣ, тавсияю таҳлилҳои пешниҳодшудаи олимон, иқтисоддонҳо мавриди истифода ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф дар ин боб таҳаввулоти назарияи соҳибкорӣ ва масъалаҳои назариявии рақобатпазирии онро таҳқиқ намуда, намудҳо ва шаклҳои ҳамкории мутақобилаи давлат ва соҳибкории саноатӣ асоснок намудааст (саҳ. 39). Дар заминаи омӯзиши назария ва методологияи таъмини рақобатпазирӣ муаллиф шаклҳои асосии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатиро (саҳ. 54) гурӯҳбандӣ намудааст, ки фарогири унсурҳои сутақим ва ғайримустақим мебошанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин муаллиф механизми ҳамкории мутақобилаи мақомоти марказӣ ва минтақавиро дар рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ пешниҳод намудааст, ки аҳамияти муҳимми амалӣ дорад (саҳ. 55).

Дар ин боб ҳамчунин таҷрибаи хориҷӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, аз рӯйи натиҷаи он тавсия ва пешниҳодҳои асоснок таҳия ва коркард шудаанд.

Дар боби дуюм – **«Ҳолати муосири дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон»** - вазъи ин соҳа таҳлил шуда, самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар ҷумҳурӣ ҷудо карда шуда, самаранокии дастгирии давлатии соҳибкории саноатӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақаҳо арзёбӣ гардидааст.

Дар ин боб динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (саҳ. 87), ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо (саҳ. 88) ва таносуби минтақаҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ. 89) таҳлил карда шуда, талабот нисбат ба тарҳрезӣ ва

амалисозии стратегияи рушди истеҳсолоти саноатӣ (саҳ. 91) таҳия карда шудааст. Муаллиф омилҳои ба дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатӣ таъсиррасонандаро асоснок намуда, онҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо намудааст (саҳ. 105-106).

Дар боби сеюм – **«Дастгирии давлатии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири Тоҷикистон»** - усулҳои асосии дастгирии давлатии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири Тоҷикистон, раванди татбиқи механизмҳои он баррасӣ шудааст, методҳои хатари амнияти сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ҳангоми ҷорисозии технологияи инноватсионӣ бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавии кишвар дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ асоснок карда шудааст.

Дар ин боб муаллиф ба ошкорсозии мушкилот ва имкониятҳои ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаи саноат таваҷҷуҳнамуда, динамикаи ҷалби сармоягузориҳоро таҳлил намудааст. Дар баробари ин бо истифода аз усулҳои иқтисодию риёзӣ модели регрессисонии арзёбии параметрҳои рушди иқтисодии минтақаҳои кишваррро анҷом дода (саҳ. 153), роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар асоси таҳлили фаъолияти инвеститсионӣ ба масъалаҳои рушди унсурҳои инфрасохтори баландбардории рақобатпазирӣ таваҷҷуҳ карда, шарҳи мухтасари нақши паркҳои технологиро дар рушди иқтисодиёти саноат муайян кардааст (саҳ. 171-178).

Дастгирии давлатии таваккалкунии сармоягузорӣ дар рушди соҳибкории инноватсионии рақобатпазирро таҳқиқ намуда, муаллиф нақшаи сохтории унсурҳои асосии иқтидори инноватсионии соҳибкории саноатиро пешниҳод кардааст (саҳ. 187).

Дар боби чорум–**«Такмилдиҳии механизмҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон»**–таъмини рақобатпазирии соҳибкории саноатӣ дар шароити СУС таҳқиқу арзёбӣ шуда, механизми идоракунии ҳамгироии байналмилалии корхонаҳои хурду миёна баррасӣ гардидааст ва моделсозии шаклҳои афзалиятноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли инноватсионӣ анҷом ёфтааст.

Дар ин боб муаллиф рушди механизимҳои инноватсионии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро таҳқиқ намуда, шарҳи тағйирёбандаҳои соҳибкории саноатии рақобатпазирро таҳлил кардааст, ки аҳамияти муҳим дорад (саҳ. 204). Ҳамчунин бо истифода аз усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ хусусиятҳои омории тағйирёбандаҳои

рушди истеҳсолоти саноатӣ таҳлил карда шуда, сатҳи таъсири онҳо муайян карда шудааст (саҳ. 205-208).

Дастгирии давлатии механизми индустриалӣ – инноватсионии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазирро асоснок намуда, муаллиф модели консептуалии рушди ҳамгироии байналмилалии соҳибкории саноатиро пешниҳод намудаст (саҳ. 217). Муаллиф инчунин муаммоҳои инфрасохторӣ ва рақобатпазирии рушди ҳамкориҳо ва ҳамгироии байналмилалии субъектҳои соҳибкории саноатии рақобатпазирро гурӯҳбандӣ намуда (саҳ. 220), зарурати рушди инфрасохтори инноватсиониро исбот кардааст.

Дар боби 4 ҳамчунин принсипҳои перспективии инноватсионии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир дар шароити муосири Тоҷикистон пешниҳод шудааст, ки (саҳ. 233) имконият додааст муаллиф модели самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани рақобатнокии соҳибкории саноати таҳия намояд.

Дар боби панҷум – **«Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири босуръат дар Тоҷикистон»**– такмили механизми рушди соҳибкории саноатии рақобатпазири воридотивазкунанда омӯхта шуда, рушди соҳибкории франчайзингӣ дар Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба мушкилот ва дурнамои таҳқиқ арзёбӣ гардида, роҳҳои инноватсионии дастгирии давлатии соҳибкории саноатии рақобатпазир баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар ин боб механизми амалии таъмини самараноки фаъолияти воридотивазкунандаро пешниҳод кардааст, ки дастгирии давлатӣ, такмили идоракунӣ ва чорабиниҳои маркетингиро дар бар мегирад (саҳ. 258). Дар ин боб ҳамчунин таҳлили муқоисавии хариди франшиза, оғози соҳибкории худ ва хариди тиҷорати мавҷуда анҷом дода шуда, талаботи асосии ташкили соҳибкории франчайзингӣ (278) таҳия карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии ба даст оварда аз тадқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд.

### VIII. Эроду тавсияҳо доир ба диссертатсия

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи таҳқиқшаванда дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ҳамзамон мавҷудияти баъзе камбудиҳои алоҳида ва ақидаҳои баҳсталаб ба чашм мерасанд:

- Муаллиф дар қисмати назариявӣ ба таҳқиқи таҳаввулоти назарияи соҳибкорӣ таваҷҷуҳ намуда, моҳияти рақобатнокии онро асоснок кардааст. Вале, ба андешаи мо, дар ҳолате, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ моҳиятан ба рақобатпазирии он алоқаманд мебошад, пас аз рӯйи мантиқ бидуни мавҷудияти дастгирии давлатӣ

низ бояд рақобатнокии он бо истифода аз захира ва имкониятҳои дохилӣ таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, муаллифро зарур буд, ки механизми ташаккули рақобатпазирии фаъолияти соҳибкориро ба сатҳҳои алоҳида ҷудо намуда, раванди идоракунии онро асоснок менамуд;

- Дар кори диссертатсионӣ, новобаста аз он ки таҳқиқот ба баландбардории рақобатнокии соҳибкории саноатӣ бахшида шудааст, таҳлили муқоисавии рақобатнокии маҳсулоти санотӣ, омилҳои ба он таъсиррасон ва сатҳи ҷойдоштаи рақобатнокӣ таҳлил карда нашудаанд. Дар баробари ин муаллифро зарур буд, ки нишондиҳанда ва индикатори арзёбии рақобатпазирии маҳсулоти ватаниро мушаххасан пешниҳод карда, самтҳои дастгирии давлатиро вобаста ба нуктаҳои заиф асоснок менамуд;

- Ҳангоми таҳлили омори соҳавӣ аксари ҷадвалҳо ва маълумотҳо, аз он ҷумла ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва омори сармоягузорӣ такрор шуда, дар ин самт муаллиф таъсири сармоягузориро ба рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир асоснок карда натавонистааст;

- Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф оид ба таъсири кластерикунонӣ ба рушди соҳибкории саноатии рақобтапазир таъкид намуда, вале дар матни рисола ба баъзе ишораҳо иктифо мекунад. Вобаста ба ин, муаллифро зарур буд, ки татбиқи амалии равиши кластериро асоснок намуда, механизми таъсиси онро пешниҳод мекард;

- Дар шароити афзалият пайдо кардани вусъати равандҳои рақамикунонӣ ва татбиқи васеи принсипҳои "иқтисодиёти сабз" муаллифро зарур буд, ки ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд. Ба андешаи мо, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва риояи принсипҳои "иқтисодиёти сабз" метавонанд ба сифати омили бунёдии баландбардории рақобатнокӣ ва ташаккули бартарияти рақобатӣ баромад кунанд;

- Рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир ба унсурҳои бартарияти рақобатӣ ва ташаккули бартариятҳои рақобатии устувор вобаста мебошад. Вале, дар кори диссертатсионӣ омилҳои ташаккули бартарияти рақобатпазирӣ дар саноати ватанӣ гурӯҳбандӣ нашуда, дар ин самт таваҷҷуҳ ба мавҷудияти "энергияи сабз", ашёи хоми кишоварзии экологӣ, қувваи кории арзон ва дигар омилҳои анъанавӣ сатҳ ва сифати кори диссертатсиониро беҳтар мекард.

- Дар матни кори диссертатсионӣ, автореферат ва матни тарҷумаи он ба забони русӣ камбудиҳои имлоӣ, техникӣ ва мазмунӣ дида мешаванд.

Эродҳои пешниҳодшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, дар маҷмуъ арзиши илмию назариявӣ ва методогию амалии таҳқиқоти анҷомшударо коста намегардонанд.

**IX. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Таҳқиқоти анҷомшуда, сатҳи тайъиди натиҷаҳои он, интишороти муаллиф ва арзиши илмию амалии кори иҷрошуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи кори диссертатсионӣ Қаюмӣ Ш.Т. ба талаботи тахассии ҷойдошта ҷавобгӯй буда, бо назардошти кори анҷомшуда ва арзиши баланди илмии он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**X. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Доир ба мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ 33 кори илмии муаллиф дар ҳаҷми умумии 26,3 ҷузъи чопӣ ба нашр расиданд, ки аз ҷумлаи онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии дохилшуда дар номгӯйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшуда ва тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як монография чоп шудаанд.

**XI. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд.

**XII. Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Кори диссертатсионии Қаюмӣ Шаҳзода Тағо дар мавзӯи «Такмилдиҳии дастгирии давлатии рушди соҳибкории саноатии рақобатпазир дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.01 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод карда шудааст ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст. Аз ин рӯ, муаллифи кори диссертатсионӣ Қаюмӣ Шаҳзода Тағо сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст (Суратҷаласаи №6 аз 04.01.2025 тасдиқ гардидааст).

Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 9 нафар омӯзгорон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 9 нафар, «зид»- нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Ташхисгар:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Сафаров Б.Г.**

**Котиби ҷаласа, номзади илмҳои**
**иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи**
**иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории**
**Донишгоҳи давлатии молия ва**
**иқтисоди Тоҷикистон** **Нуруллоева М.М.**

*Суроға: 73467, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14 Тел.: (+ 992 37) 231-02-01, E-mail: tgfeu@tgfeu.tj*

*Имзои Ҳ.Н. Фақеров, Б.Г. Сафаров ва М.М. Нуруллоеваро тасдиқ менамоям.*

ШУЪБАИ КАДРҲО

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Мирҷамолов М.А.**